МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Китобчаи ТЕСТ 2022

**Қисми А.3**

**Варианти**

**3**

- ☑ Забони тоҷикӣ
- ☑ Таърих
- ☑ Адабиёти тоҷик
- ☑ Забони хориҷӣ

## ДАСТУР

Саволнома аз чор субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **таърих**, **адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ**. Ҳар як субтест 25 саволу масъаларо дар бар мегирад.

**Саволу масъалаҳои тест дар ду шакли навъи пӯшида таҳия шудаанд:** бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктояш дуруст аст.

| ! | *Масалан, агар Шумо варианти "B"-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:* | **A B C D**<br>○ ● ○ ○ |
|---|---|---|

Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла, формула, функсия ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

| ! | *Масалан, агар ба унсури "A", ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури "B" рақами 4, ба унсури "C" рақами 1 ва ба унсури "D" рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:* | **  1 2 3 4 5**<br>**A** ○ ● ○ ○ ○<br>**B** ○ ○ ○ ● ○<br>**C** ● ○ ○ ○ ○<br>**D** ○ ○ ○ ○ ● |
|---|---|---|

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **190 дақиқа** муайян шудааст.

| ! | Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи *«**Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам**»*-**ро нависед** ва **имзо гузоред**.<br>Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.<br>Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед.**<br>Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.** |
|---|---|

### ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед;**
- **аз ёд набароред,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора шудааст.

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Дар мақоли зерин дар калимаҳои *хоҷӣ* ва *нашавӣ* садоноки *ӣ* чӣ вазифа дорад?**
*Хоҷӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат бош!*

A) бандаки феълӣ
B) пасванди исмсоз
C) пасванди сифатсоз
D) бандаки хабарӣ

**2** **Ҳодисаи фонетикии *ҷойивазкунии овозҳо* ҳангоми талаффузи кадом калимаҳо мушоҳида мешавад?**

A) манро – маро, кӣ аст – кист
B) гуноҳ – гунаҳ, коғаз – қоғаз
C) ҳалво – ҳавло, аҳвол – авҳол
D) якҷоя – ягҷоя, фирӯз – пирӯз

**3** **Дар зарбулмасали зерин кадом калима нодуруст (ба ҷойи *у* ҳарфи *ӯ*) навишта шудааст?**
*Обрӯ(й)и хӯшомадгӯй на дар кӯза, на дар ҷӯй.*

A) ҷӯй B) кӯза C) обрӯ(й) D) хӯшомадгӯй

**4** **Ҳаммаъноҳои калимаи *басар* кадоманд?**

A) айнак, назар B) чашм, дида C) бинои, нур D) нигоҳ, мушоҳида

**5** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта зидмаънои калимаҳои *бефаҳм, кундзеҳн*ро гузоред:**
*Давлат бачаи зирак, ..., меҳнатдӯст, монанди одами калон вазнину пурбардошт аст.* Р. Ҷалил

A) бофаросат B) бофароғат C) бофасоҳат D) бофазилат

**6** **Дар ҷумлаи зерин ибораи рехтаи “*табъ чоқ шудан*” чӣ маънӣ дорад?**
*Дар ин гӯшаи ҷаннатмонанд табъи кас чоқ мешавад, ғаму ғусса фаромӯш мешавад.* Ҷ. Икромӣ

A) маъқул шудан, мувофиқи майл будан
B) ба дидани чизе майлу рағбат доштан
C) шод, хурсанд, фараҳманд гардидан
D) ба касе писанд омадан, форидан

**7** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**
*Тамоми умр ... ба умед зистем.* А. Самад

A) дандон зада
B) дандон хоида
C) дандон тез карда
D) дандон ба дандон монда

**8** **Услуби матнро муайян кунед:**
*Об ғулғула бардоштаву печида, бошаст меомад: сангҳои маҷро лағжонак буданд. Таманно аз зону баландтар тар шуда, ҳамон зайл оҳиста-оҳиста то нисфи рӯд рафту ногаҳон сахт лағжид ва бо вуҷуди ҷандала, мувозинаташро гум карда, якпаҳлу афтид. Кафшҳо аз дасташ хато хӯрданд. Рӯймолашро, ки аз сараш низ канда шуда буд, базӯр қапида, вай фавран ба по хест ва ҳама либосаш тар, калавида-калавида, оқибат аз рӯд гузашт...* С. Турсун

A) илмӣ B) бадеӣ C) расмӣ-коргузорӣ D) публитсистӣ

**9** **Исмҳои мураккаберо, ки аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл сохта шудаанд, нишон диҳед:**

A) тохтутоз, ҷастухез
B) пурсуков, равуо
C) сартарош, хандоханд
D) рафтуомад, шикастурехт

**10** **Дар ибораи *дӯсти вафодор* сифат аз рӯйи сохт чӣ гуна аст?**

A) сода B) сохта C) мураккаб D) таркибӣ

**11** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта шумораи миқдории содаро гузоред:**

*Домулло Икромча он вақтҳо яке аз ... нафар мударрисони мадрасаи Ҷаъфархоҷа буд.* С. Айнӣ

A) бисту чор B) чил C) чилумин D) дувоздаҳ

**12** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта феъли таркибии мувофиқро гузоред:**

*Инҳо дар он мадраса динобрӯ ва соҳибҳуқуқ шуда ... .* С. Айнӣ

A) суҳбат мекарданд
B) пасандоз мекарданд
C) баромад мекарданд
D) зиндагонӣ мекарданд

**13** **Ба ҷойи сенуқта кадом зарфро гузоштан дуруст аст?**

*Олами табиат ... ҷон мегирифт, аз хоб бедор мешуд.* Ҷ. Икромӣ

A) пеш-пеш B) беист C) оҳиста-оҳиста D) оромона

**14** **Пешоянди мувофиқро гузоред:**

*Гоҳ-гоҳе шамол ... кӯҳҳо вазида бӯи форами гиёҳҳоро ҳар тараф мепошад.*

П. Толис

A) аз тарафи B) дар тарафи C) аз рӯ ба рӯи D) дар байни

**15** **Кадоме аз ин ибораҳо бо роҳи алоқаи вобастагӣ сохта шудааст?**

A) бо мушт задан B) як мушт задан C) мушт задан D) мушти обдор

**16** **Ҷумлаи содаи яктаркиба:**

A) Бороиш майда meборид.
B) Мирзо чакманашро дар китф гирифта, аз хона баромад.
C) Аксар шабҳо вай анборхонаю подахонаро хабар мегирифт.
D) Аз кӯпруки паси осиё гузашта, ба тангкӯча гашт. *Ҳ. Назаров*

**17** **Дар ҷумлаи зерин кадом аъзои он чида шудааст?**

*Дар деҳа ҳеҷ кас вай барин арӯси зебо, ҳалиму доно надорад.* Ҷ. Икромӣ

A) хабар B) муайянкунанда C) ҳол D) пуркунанда

**18** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли мувофиқро гузоред:**

*Зуҳурмахдум ба ӯ ... муроҷиат кард.* С. Айнӣ

A) чолокона B) мулоимона C) олимона D) бачагона

**19** **Аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

*Ба фикри ман , – гуфт ҳезумкаши дигар, – дар як ҷо нигоҳ карда истоданамон, ... , моро ба ҳалокат мерасонад.* С. Айнӣ

**A)** албатта **B)** сад ҳайф **C)** зинҳор **D)** баръакс

**20** **Дар байти зерини Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кадом масъала таъкид шудааст?**

***Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,***
***Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.***

**A)** бохирад будан ва пайваста дониш омӯхтан

**B)** зарурати илму маърифат омӯхтан дар зиндагӣ

**C)** омӯхтани илму дониш ва некукорӣ ба мардум

**D)** омӯхтан ва баҳра бардоштан аз таҷрибаи зиндагӣ

**21** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё ҷумла зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Асбоби накуи ҳамаро кардӣ **ҷамъ**,
То зиндагии маро ... кунӣ.
Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Аз воқеаҳое, ки дар солҳои охир дар Бухоро ба болои **ҷадид** ва ... воқеъ шуда буд, хабар надоштанд. С. Айнӣ

**C)** ... дар комаш ҳамеша талхтар
аз **заҳр** буд,
Ҳам шариат, ҳам тариқат сарвари
бадқаҳр буд.
Мирзо Турсунзода

**D)** Шитобон ҷониби саҳро давиданд,
Гаҳе ...у гаҳе **боло** давиданд.
Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ

**1)** шеб

**2)** шаҳд

**3)** фузун

**4)** қадим

**5)** пароканда

Ҷавоб

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**22** **Ба ҷойи сенуқта ҳиссачаҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** ... ба модарат гӯй, аммо ба дигар кас нафаҳмон. П. Толис

**B)** ..., ин бе муболиға гапи рост аст, рафиқ Рустамов. Ф. Ниёзӣ

**C)** ... ин гул, бачаам, «Анбаргул» ном дорад. Р. Ҷалил

**D)** ... аз пагоҳ сар карда ба кор даромада метавонем? Р. Ҷалил

**1)** Кошки

**2)** Оё

**3)** Ана

**4)** Танҳо

**5)** Оре

Ҷавоб

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**23** **Ибора созед:**

A) даст
B) садо
C) макон
D) сазовор

1) ороиш
2) озмоиш
3) ситоиш
4) ғурриш
5) навозиш

| Ҷавоб | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**24** **Таҳлили синтаксисии ҷумла. Аъзои ҷумларо муайян намоед:**

***Як кӯчаи калон теппаро монанди ҳалқа печонда гирифтааст.*** С. Улуғзода

A) як кӯча
B) теппаро
C) монанди ҳалқа
D) печонда гирифтааст

1) ҳол
2) хабар
3) мубтадо
4) пуркунанда
5) муайянкунанда

| Ҷавоб | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**25** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

A) Дилатро ба донишварӣ
дор хуш,
Чу донистӣ, он гоҳ дар
кор кӯш.
Абдураҳмони Ҷомӣ

B) Имрӯз бикун,
чу метавонӣ коре,
Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеҷ
натвонӣ кард.
Абуалӣ ибни Сино

C) Ҳаёти хешро бекора
магзор,
Зи бекорӣ шавад кас
оҷизу хор.
Тилло Пӯлодӣ

D) Ба олам ҳар касе бекор
гардад,
Ба чашми аҳли олам хор
гардад.
Садриддин Айнӣ

1) Бикӯш, то донишат
зиёд шавад.

2) Зи дониш хуш бошу
дар амал бикӯш.

3) Кори имрӯзаро
ба фардо магузор.

4) Одами бекор назди
ҷаҳониён хор аст.

5) Аз бекорӣ зору
нотавон гардӣ.

| Ҷавоб | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

## ТАЪРИХ

**1** ***Лидияро кадом шоҳи Ҳахоманишиён тасхир намуда буд?***

**A)** Дориюши Кабир **B)** Куруши Кабир **C)** Ҳашёршоҳ **D)** Камбуҷӣ

**2** **Муҳорибаи Марафон байни киҳо ба амал омада буд?**

**A)** муғулҳо ва чиниҳо
**B)** юнониҳо ва форсҳо
**C)** туркҳо ва ҳайтолиён
**D)** румиҳо ва арабҳо

**3** **Карзанҷ ба муқобили кадом истилогарон шӯриш бардошта буд?**

**A)** муғулҳо **B)** юнону мақдуниҳо **C)** туркҳо **D)** арабҳо

**4** **Сухан дар бораи кадом забткориҳо меравад: *«Насри Илокхон Абдумаликро фиреб дода, дили саркардаҳои лашкарро бо ҳилаю найранг пур кард ва ҷангро ба нафъи худ анҷом дод... . Ниҳоят, 23 октябри соли 999 Бухороро ба осонӣ ғасб намуданд»*?**

**A)** арабҳо **B)** муғулҳо **C)** Ғазнавиҳо **D)** Қарахониҳо

**5** **Давлати тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Ғуриён **B)** Сафавиён **C)** Чағатой **D)** Аббосиён

**6** **Девоне, ки заминҳои хонадони Сомониёнро назорат ва идора мекард.**

**A)** сипоҳ (ориз) **B)** зиё **C)** амидулмулк **D)** муставфӣ (истифо)

**7** **Дар акс муҷассамаи кадом шахсият тасвир шудааст?**



**A)** Яъқуб ибни Лайс

**B)** Исмоили Сомонӣ

**C)** Спитамен

**D)** Темурмалик

**8** **Муаллифи «Шайбонинома».**

**A)** Абдураҳмони Мушфиқӣ
**B)** Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
**C)** Камолиддини Биноӣ
**D)** Бадриддини Ҳилолӣ

**9** **Қӯшбегӣ чист?**

A) мансаби давлатӣ

B) воҳиди маъмурӣ

C) воҳиди пулӣ

D) шакли заминдорӣ

**10** **Дар арафаи истилои Русия хонии Қӯқандро кадом сулола идора мекард?**

A) манғит B) юз C) қунғурот D) минг

**11** **Кадом шӯриш дар ҳудуди кишвари Туркистон ба амал НАОМАДААСТ?**

A) Шӯриши Эшони Мадалӣ

B) Шӯриши Восеъ

C) Шӯриши миллию озодихоҳии Хуҷанд

D) “Исёни вабо”

**12** **Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ аз Тоҷикистон.**

A) Фатҳулло Аҳмадов

B) Шириншоҳ Шоҳтемур

C) Мирзо Турсунзода

D) Турсун Ӯлҷабоев

**13** **Кадом воқеа то эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадааст?**

A) ба истифода додани заводи нуриҳои азотии Вахш

B) ба истифода додани НБО Сангтӯда-1

C) кушода шудани нақби Истиқлол

D) оғози сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Мурғоб – Кулма – Қароқурум

**14** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 феврал кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

A) Рӯзи Истиқлоли давлатӣ

B) Рӯзи Ваҳдати миллӣ

C) Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ

D) Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳ

**15** **Кадом давлат ташаббускори гузаронидани Даҳсолаи байналмилалии амалиёти “Об барои ҳаёт” аст?**

A) Қазоқистон B) Тоҷикистон C) Туркманистон D) Ӯзбекистон

**16** **Амфитеатри Колизей дар ҳудуди кадом давлат ҷойгир аст?**

A) Ҳиндустон B) Миср C) Чин D) Италиё

**17** **“Иттифоқи Балкан” соли 1912 бар зидди кадом давлат таъсис ёфта буд?**

A) ИМА B) Русия C) Фаронса D) Туркия

**18** **Созмони Милали Муттаҳид бо кадом мақсад таъсис дода шуд?**

A) тақсим намудани ҷаҳон дар байни давлатҳои абарқудрат

B) ба ихтиёри ИМА ва ИҶШС додани ҷаҳони баъдиҷангӣ

C) пахш намудани ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ дар мустамликаҳо

D) пешгирии ҷанг ва ба роҳ мондани ҳамкории осоишта дар сайёра

**19** **Кадом воқеа аз рӯи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ба амал омада буд?**

A) таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай

B) таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

C) заволи ИҶШС

D) сохтмони "девори Берлин"

**20** **Сиёсати нажодпарастӣ, поймоли ҳуқуқи инсон ва аз ҳам ҷудо кардани сиёҳпӯстону сафедпӯстонро чӣ ном мебаранд?**

A) генотсид B) гуманизм C) апартеид D) агрессия

**21** **Мувофиқати ҳоким ва давлатро муайян кунед:**

A) Аршак

B) Хусрави Парвиз

C) Абуиброҳим Мунтасир

D) Султон Санҷар

1) Ашкониён

2) Темуриён

3) Салҷуқиён

4) Сосониён

5) Сомониён

Ҷавоб

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**22** **Мувофиқати мафҳум ва мазмуни онро муайян намоед:**

A) мутавалӣ

B) бегорӣ

C) нақшбандия

D) садрҳо

1) ихтиёрдори амволи вақф

2) ҳокимони Бухоро

3) кори маҷбурӣ

4) силсилаи тасаввуф

5) бодиянишинон

Ҷавоб

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**23** **Мувофиқатро муайян кунед:**

A) Сафар Амиршоев

B) Аҳмад Бобоқулов

C) Нусратулло Махсум

D) Раҳмон Набиев

1) Котиби аввали ҲК ҶШС Тоҷикистон

2) Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ

3) Артисти халқии ИҶШС

4) Қаҳрамони Тоҷикистон

5) аввалин нозир (вазир)-и маорифи МШС Тоҷикистон

Ҷавоб

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**24** **Мувофиқати сол ва воқеаро муайян намоед:**

**A)** 2010 — **1)** Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ

**B)** 1994 — **2)** бо қарори ЮНЕСКО ҷашни байналмилалӣ эълон гардидани “Наврӯз”

**C)** 1992 — **3)** Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ

**D)** 2018 — **4)** Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ

**5)** қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**25** **Мувофиқатро муайн кунед:**

**A)** аҳроми Хеопс — **1)** Англия

**B)** Тахти Ҷамшед — **2)** Русия

**C)** ҳаракати чартистӣ — **3)** империяи Рум

**D)** Инқилоби Октябр — **4)** империяи Ҳахоманишиён

**5)** Мисри Қадим

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Суруди халқии “Таронаи бофандагон” дар кадом мавзуъ суруда шудааст?**

**A)** кору зиндагӣ ва орзуҳои ширини бофандагон

**B)** самимият дар кор ва орзуву омоли бофандагон

**C)** азоби рӯзгор, вазнинии кор ва беқадрии касби бофандагӣ

**D)** дур аз ёру диёр, дар бенавоию нодорӣ зиндагӣ кардани бофандагон

**2** **Сухан дар бораи кадом навъи адабиёт меравад?**

***Осори марбут ба онро шахсони номаълум эҷод кардаанд. Забони он сода ва фаҳмо буда, унсурҳои лаҳҷа дар он зиёд дида мешавад. Ибораороӣ, истифодаи калимаву ибораҳои душворфаҳм ва бегона дар он ба чашм намерасад.***

**A)** адабиёти классикӣ

**B)** адабиёти муосир

**C)** адабиёти хаттӣ

**D)** адабиёти шифоҳӣ

**3** **Кадом асар намунаи барҷастаи насри асри X аст?**

**A)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав

**B)** “Шоҳнома”-и Абулмуайяди Балхӣ

**C)** “Синдбоднома”-и Заҳирии Самарқандӣ

**D)** “Андарзнома”-и Бузургмеҳри Бухтагон

**4** **Сухан дар бораи кадом асар (доир ба вазъи ситораҳо ва дигар ҷирмҳои осмонӣ) меравад?**

***“Мирзо Улуғбек, ки худ шахси бофазлу дониш буд, донишмандони маъруфи замонаашро ба шаҳри Самарқанд овард. Соли 1424 дар Самарқанд расадхона месозад, ки дар он олимони бузург: Қозизодаи Румӣ, Алии Қушчӣ, Ғиёсуддин Ҷамшед, Мансури Кошӣ ва дигар донишмандон кор мекарданд. Натиҷаи кори чандинсолаи олимон дар ҷадвали астрономие, ки бо номи ... машҳур аст, ҷамъбаст гардидааст.”***

**A)** “Рисола дар илми қавофӣ”

**B)** “Зиҷи ҷадиди Курагонӣ”

**C)** “Шарафномаи шоҳӣ”

**D)** “Маноқиби ҳунарварон”

**5** **Кадом шарҳ ба санъати бадеии *ташхис* марбут аст?**

**A)** Ба ашё ва мавҷудоти дигар сифатҳои инсонӣ дода шудааст.

**B)** Калима ё таркибе ба маънои ғайриаслӣ истифода шудааст.

**C)** Ба ягон қисса, воқеа ва ё шахсияти таърихӣ ишора шудааст.

**D)** Хусусияти чизе ба чизи дигаре монанд карда шудааст.

**6** **Дар байти Ҳофизи Шерозӣ кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ойинаи Сикандар ҷоми май аст, бингар,***
***То бар ту арза дорад аҳволи мулки Доро.***

**A)** ташхис **B)** таҷнис **C)** талмеҳ **D)** истиора

**7** **Қасидаи машҳури Анварии Абевардӣ:**

A) “Шикоят аз пирӣ”
B) “Харобаҳои Мадоин”
C) “Мунозира бо Худо”
D) “Ашкҳои Хуросон”

**8** **“Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус аз рӯйи мавзуъ ва муҳтаво чӣ гуна асар аст?**

A) сиёсӣ
B) ахлоқӣ
C) фалсафӣ
D) ирфонӣ

**9** **Яке аз хусусиятҳои асосии шеъри нағз дар асри X:**

A) хубии лафз ва осонии маънӣ
B) омехтагӣ бо калимаҳои арабӣ
C) мавзуъ ва муҳтавои қолиб
D) таваҷҷуҳи беш ба васфи табиат

**10** **Вобаста ба байтҳои зерини Абумансури Дақиқӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Дақиқӣ чор хислат баргузидаст***
***Ба гетӣ аз ҳама хубию зиштӣ:***
***Лаби ёқутрангу нолаи чанг,***
***Майи хушрангу дини зардуҳиштӣ.***

A) Дақиқӣ маю мусиқиро хуб ва дини зардуштиро зишт шуморидааст.
B) Дақиқӣ аз маю мусиқию маҷлиси ёр ва дини зардуштӣ дурӣ меҷустааст.
C) Дақиқӣ пайрави дини зардуштӣ буд, вале маю мусиқиро зишт медонист.
D) Дақиқӣ пайрави дини зардуштӣ ва дӯстдори маю мусиқию маҷлиси ёр буд.

**11** **Абдурраҳмони Ҷомӣ дар “Баҳористон” дар бораи кӣ чунин гуфтааст?**

***“Татаббуи (пайравии) Хоқонӣ мекунад, ҳарчанд дар қасида бар вай нарасида, аммо ғазалро аз вай гузаронида... мақбули ҳама кас афтодааст.”.***

A) Ҳусайн Воизи Кошифӣ
B) Алишери Навоӣ (Фонӣ)
C) Амир Хусрави Деҳлавӣ
D) Муҳаммад Авфии Бухороӣ

**12** **Навиштаанд, ки “*Фирдавсӣ аз деҳқонзодагони замонаш буд*”. Муайян намоед, ки кадом шарҳ ба маънои “*деҳқон*” дар замони Фирдавсӣ мувофиқ аст:**

A) Деҳқонон як табақаи ҷомеа буданд, ки танҳо ба кишту кор машғул мешуданд.
B) Деҳқонон табақаи наҷибзодагон ва нигоҳбони суннатҳои бостонӣ буданд.
C) Деҳқонон як табақаи ҷомеа буданд, ки онҳоро кишоварзон меномиданд.
D) Деҳқонон табақаи болоии ҷамъият ва ҳокимони шаҳрҳо буданд.

**13** **Шарҳи мувофиқи байти Атторро интихоб кунед:**

***Ҷумла торикист ин меҳмонсарой,***
***Илм дар вай чун чароғи раҳнамой.***

A) Шоир мегӯяд, ки тирагию торикии дунёро фақат нури илму маърифат равшану зебо мекунад.

B) Шоир дар меҳмонхонаи торик қарор дорад ва мехоҳад, ки зудтар чароғи онро равшан кунанд.

C) Шоир мегӯяд, ки хондани китобҳои ман ба наслҳои оянда роҳи дурусту равшанро нишон медиҳад.

D) Шоир ҳайрон аст, ки чаро неруи илм дунёи ҳамаро равшан намекунад ва баъзе одамон дар ҷаҳолату торикӣ ҳастанд.

**14** **Кадом асар бо байти зерин оғоз мешавад?**

***Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад***
***В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.***

A) "Ҳашт биҳишт"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ

B) "Мантиқ-ут-тайр"-и Аттори Нишопурӣ

C) "Ҳадиқат-ул-ҳақиқа"-и Саноии Ғазнавӣ

D) "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ

**15** **Аз рӯи мухтавои қитъа муайян кунед, ки он аз кадом боби "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ аст:**

***Умри гаронмоя дар ин сарф шуд:***
***То чӣ хӯрам сайфу чӣ пӯшам шито.***
***Эй шиками хира, ба ноне бисоз,***
***То накунӣ пушт ба хидмат дуто.***

A) Дар сирати подшоҳон

B) Дар ахлоқи дарвешон

C) Дар фазилати қаноат

D) Дар таъсири тарбият

**16** **Аввалин бор қиссаи "Шинел"-и Н. В. Гогол аз тарафи кӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудааст?**

A) Тошхӯҷаи Асирӣ

B) Аҷзии Самарқандӣ

C) Абулқосим Лоҳутӣ

D) Абдуррауфи Фитрат

**17** **Кадоме аз ин мақолаҳои Садриддин Айнӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дар мавзуи ватанпарварию ҷоннисорӣ навишта шудаанд?**

A) "Деви ҳафтсар", "Хари бедум"

B) "Қавми тоҷик ва рӯзнома", "Матбуоти тоҷик"

C) "Тоҷикони кӯҳистон", "Қобилияти ташкилотчигӣ дар тоҷикон"

D) "Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик", "Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон"

**18** **Давоми мантиқии мисраи зерини Ҳофизи Шерозиро муайян кунед:**

***Фардо, ки пешгоҳи ҳақиқат шавад падид,***

**.........................................................................**

**A)** Шарманда раҳраве, ки амал бо маҷоз кард.

**B)** Ғарра машав, ки гурбаи зоҳид намоз кард.

**C)** Сӯфӣ ниҳод дому сари ҳуққа боз кард.

**D)** Бунёди макр бо фалаки ҳуққабоз кард.

**19** **Нақибхони Туғрал дар байтҳои зерин кадом маъниро таъкид менамояд?**

***Маро гӯянд халлоқулмаонӣ,***
***Набудам қабл аз ин, аммо кунунам...***
***Агар бо фазл гаштӣ рутба ҳосил,***
***Дар оғӯши қамар будӣ сукунам.***

**A)** Ба андешаи шоир фазлу мартаба аз рутба ҳосил мешавад.

**B)** Бо тафохури шоирона ба мавқеъ ва мартабаи худ ишора мекунад.

**C)** Таъкид мекунад, ки фазлу рутба мақоми инсонро баланд мегардонад.

**D)** Бо таассуф иқрор мешавад, ки халлоқулмаонӣ нест ва рутба ҳам надорад.

**20** **Шоир дар мисраъҳои зерин ба кадом масъала ишора кардааст?**

***Надорам тоқати доғи писар дидан дигар ҳаргиз,***
***Саросар сӯхтори пуршарар дидан дигар ҳаргиз,***
***Ба ҳар як хона тифли бепадар дидан дигар ҳаргиз,***
***Ҳаёти одамиро дар хатар дидан дигар ҳаргиз!*** Мирзо Турсунзода

**A)** гарм шудани иқлим ва сӯхтани ҷангалҳо

**B)** ҷудо шудани оилаҳои тозабунёд

**C)** бесавод мондани насли ҷавони олам

**D)** ҷанг ва пайомадҳои харобиовари он

**21** **Дар кадом жанри адабӣ навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** "Чароғи абадӣ"-и Мирзо Турсунзода | **1)** ҳикоя |
| **B)** "Ҳукм"-и Мирзо Турсунзода | **2)** роман |
| **C)** "Ситораҳои сари танӯр"-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ | **3)** қисса |
| **D)** "Восеъ"-и Сотим Улуғзода | **4)** намоишнома |
| | **5)** достон |

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**22** **Мувофиқати байтҳои Шавкати Бухороиро бо зарбулмасал (мақол) муайян кунед:**

A) Ба бӯриёи ватан мекунам шакархобӣ,
Ба махмали сияҳи Ҳинд хоби роҳат нест.

B) Дар шоми ғами хеш маро субҳи умед аст,
Гар нақши нигин тира бувад, ном сафед аст.

C) Ба ҳар кас во макун банд аз забони арзи матлабҳо,
Ба дандони тамаъ зинҳор макшо уқдаи лабҳо.

D) Ба гетӣ то ба кай маҳбус бошӣ, сайри олам кун,
Бувад як ҷо нишастан то камар зери замин будан.

1) Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад.

2) Сафар мураббии мард асту устоди ҳунар.

3) Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар.

4) Аз паси ҳар гиря охир хандаест...

5) Ҷони нодон дар азоб аст.

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**23** **Аз рӯи мазмуни порчаҳои насрӣ муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

A) Ва ба донистани розе, ки тааллуқ ба неку бади ту надорад, рағбат манамо ва ҷуз бо худ бо кас рози хеш магӯй. Агар бигӯйӣ, он суханро аз он пас роз махон.

B) Афлотунро гуфтанд:-Чӣ гӯӣ, ки ҳаргиз ғамгин набошӣ? Гуфт: - Дил дар чизе набандам, ки аз дасти ман биравад.

C) Қозизода аз он пеш ба Ҳирот наёмада буд ва аз ҷумла Ҷомиро намешинохт. Дар хаёли ӯ Ҷомӣ монанди уламои бузурги он замон дар зери ҷомаҳои пурқимат ва дастори бузург ҷилва менамуд.

D) Гуфтам: - Аз ҷавонон чӣ беҳтар ва аз пирон чӣ некӯтар? Гуфт: - Аз ҷавонон шарму далерӣ ва аз пирон донишу оҳистагӣ.

1) "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

2) "Сафарнома"-и Носири Хусрав

3) "Зафарнома"-и Абуалӣ ибни Сино

4) "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус

5) "Ҷомеъ-ул-ҳикоёт"-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**24** **Муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом шеър ё асари Абулқосим Лоҳутӣ аст:**

A) Ин шеър ба таври тамсил навишта шуда, аз 60 байт иборат аст. Шоир дар он ба таври рамзӣ робитаи ватандорони мубориз ва Ватанро инъикос намудааст.

B) Ин ғазалро шоир “зиддиимпериалистона” номида, дар он худро ба булбул, Ватанро ба боғи вайрона, истисморгаронро ба зимистони манфур ташбеҳ кардааст.

C) Ин қасида соли 1923 дар пайравӣ аз қасидаи “Харобаҳои Мадоин”-и Хоқонии Шервонӣ навишта шудааст. Бо мисраи “То чанд кунӣ гиря бар маснади Нӯшервон?” оғоз мешавад.

D) Дар ин достон ҳамаи мардон дар роҳи муҳофизати деҳаашон ҳалок гардида, танҳо як марди тарсончак, ки аз майдони ҷанг гурехта буд, зинда мондааст. Зани ӯ либоси сиёҳ пӯшида, худро “бевазан” меномад.

1) “Мардистон”

2) “Ғалабаи Таня”

3) “Шамъу парвона”

4) “Аё сайёд”

5) “Кремл”

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**25** **Мавзуи асарҳои Сотим Улуғзодаро муайян намоед:**

A) “Ёрони боҳиммат”

B) “Ривояти суғдӣ”

C) “Фирдавсӣ”

D) “Восеъ”

1) муборизаи гузаштагони халқи тоҷик бар зидди истилогарони араб

2) муборизаи адолатхоҳонаи мардуми кӯҳистони тоҷик бар зидди зулму ситами Манғитиён ва гумоштагони онҳо

3) воқеаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳаёт дар ақибгоҳ

4) ҳаёту фаъолият, ватанпарастию хештаншиносии як ҳакими ҳаққӯву ростгӯ

5) моҷарои падару писар (дар Ҳиндустон) ва ҳифзи ватан

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**!** ***Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.***

## ENGLISH LANGUAGE

**Read the text and choose the right answer 1 – 8.**

**Moon Tourism**

A Japanese Billionaire will be the first tourist to fly around the moon, and he wants to take artists from around the world with him. When they come back to Earth, he wants them to create masterpieces (an amazing work of art) that 'will inspire the dreamer in all of us' and give us ideas about the beauty of the moon and make us feel positive emotions.

Space X will take him to the moon in its BFR spaceship. The company is planning the trip for 2023, and it is going to be the first lunar trip since 1972.

**1** **A Japanese Billionaire will be the first … in the moon.**

**A)** companion **B)** creator **C)** dreamer **D)** traveler

**2** **The Billionaire will take … to the moon.**

**A)** tourists **B)** painters **C)** experts **D)** scientists

**3** **A … picture of the moon – will be the artists' task.**

